# ТАҲЛИЛИ
## таъсири танзимкунии лоиҳаи
## Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 20.04.с.2023 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 декабри соли 2021 ҷойгир карда шуда, аз 21 декабри соли 2021 то 28 январи соли 2022 машварати оммавӣ нисбат ба лоиҳаи Талаботи мазкур гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Мақсади асосии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, қарздеҳон ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ мебошад. Яке аз роҳҳои нигоҳдории суботи низоми бонкии кишвар ин мунтазам талаб намудани нақшаҳои барқарорсозии фаъолият аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад.<br>Мутобиқи моддаи 48.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Бонки миллии Тоҷикистон талаботро оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамояд.<br>Боиси қайд аст, ки дар моддаи зикргардидаи қонун танҳо муқаррароти умумӣ пешбинӣ шуда, механизми таҳия ва истифоданамоии нақшаи барқарорсозӣ муайян нашудааст.<br>Бинобар ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| | лоиҳаи «Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ» тибқи моддаи 48.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия шуда, он талаботи ҳадди ақалро ҳангоми омодасозӣ ва амалисозии нақшаи барқарорсозӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ муайян менамояд.<br>Тибқи лоиҳаи Талабот нақшаи барқарорсозӣ чораҳои дахлдор, тарзи барқарорсозии фаъолияти устувор ва муътадили ташкилотҳои қарзии молиявиро пешбинӣ менамояд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Талаботи мазкур механизми пешниҳод ва иҷрои нақша номаълум боқӣ монда, эҳтимол аст ҳангоми аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия намудани нақшаи барқарорсозӣ на ҳамаи самтҳои муҳим, ки барои барқарорсозӣ зарур мебошад ба нақша ворид карда шаванд ва ин ба омодагии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ҳолатҳои буҳронӣ таъсири худро мерасонад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади таҳия намудани лоиҳаи Талаботи мазкур ин муайян кардани механизми таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ба ин васила назорат ва нигоҳдории суботи молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ухдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи Талаботи мазкур бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва таклифу пешниҳодҳои коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ таҳия гардида, талаботи ҳадди ақалро барои омодасозии нақшаи барқарорсозӣ муайян менамояд, ки минбаъд мутобиқи ин нақша ташкилотҳои қарзии молиявӣ метавонанд сари вақт захираҳоро барои нигоҳ доштани фаъолияти устувор ва муътадили худ истифода баранд.<br>Дар лоиҳаи Талаботи мазкур ухдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба пешбинӣ намудани қисмҳои зерин дар Нақшаи барқарорсозӣ пешбинӣ гардидааст:<br>- маълумоти умумӣ дар бораи ташкилоти қарзии молиявӣ;<br>- барномаҳои мониторинг;<br>- сенарияҳои стрессӣ;<br>- стратегияҳои барқарорсозии фаъолият;<br>- нақшаи иртибот (коммуникатсия);<br>- монеаҳо ва хавфҳо;<br>- фишангҳои роҳбарӣ/идоракунӣ.<br>Дар лоиҳаи Талаботи мазкур вазифаҳои ниҳоят муҳим (калидӣ) ва хизматрасониҳои асосӣ ҳамчун фаъолият, амалиётҳо ё хизматрасониҳое муқаррар шудаанд, ки ҳангоми қатъ шудани онҳо метавонад ба суботи молиявӣ ё фаъолияти бахши воқеии иқтисод, ба |

| | |
|---|---|
| | устувории ташкилоти қарзии молиявӣ ва ҳамаи шахсони ҳуқуқие, ки таҳти назорати мустақим ё ғайримустақими он қарор доранд, таҳдид намояд.<br>Агар Бонки миллии Тоҷикистон муайян кунад, ки номгӯи хизматрасониҳои ниҳоят муҳим ва ҳатмӣ, ки ба нақшаи барқарорсозӣ дохил карда шудаанд, нопурра ҳастанд, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад аз ташкилоти қарзии молиявӣ талаб кунад, ки ба чунин рӯйхат тағйиру иловаҳоро оид ба фаъолият, амалиётҳо ё хизматрасониҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ё ҳама гуна шахси ҳуқуқии таҳти назорати мустақим ё ғайримустақим қарор доштаи он амалӣ карда мешавад ва ба ақидаи Бонки миллии Тоҷикистон муҳим ё ҳатмӣ мебошанд, ворид намояд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Бояд қайд кард, ки то ин ҷониб ташкилотҳои қарзии молиявӣ нақшаи чорабиниҳо барои барқарорсозии сармоя, баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол, фурӯши гаравҳои барои бозфурӯш гирифташуда дар алоҳидагӣ таҳия шуда, ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Чунин нақшаҳо самтҳои алоҳидаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро ба танзим даровarda, барқарорсозии фаъолияти онҳоро дар умум инъикос наменамоянд, ки ин метавонад хавфи номутобиқатии ин нақшаҳоро байни ҳамдигар ба вуҷуд орад.<br>Вобаста ба ин, бо дарназардошти сабабҳои дар қисмҳои дигари таъсири танзимкунӣ овардашуда, таҳия ва қабули Талаботи мазкур зарур ва ҳатмӣ мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Талаботи мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур дар он аст, ки дар ҳолати таҳия ва татбиқ намудани санади мазкур новобаста аз ҷой доштани пайомадҳои номуносиб дар иқтисодиёт, ташкилотҳои қарзии молиявӣ омода мешаванд, ки фаъолияти устувории худро сари вақт барқарор намуда, барои рушди иқтисодиётӣ ҷумҳурӣ саҳми худро гузоранд.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур дар он аст, ки омодагии ташкилотҳои қарзии молиявиро ба ҳолатҳои бӯҳронӣ таъмин намуда, ба онҳо имконият медиҳад, ки сари вақт ӯҳдадориҳояшонро дар назди пасандоздорон иҷро намоянд ва бо ин роҳ боварии аҳолиро ба низоми бонкӣ дар сатҳи лозимӣ нигоҳ доранд. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар назар аст, ки қабул гардидани Талаботи мазкур боиси аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ сари вақт барқарор кардани сатҳи муносиби сармоя, пардохтпазирӣ, амалиёт ва инчунин, ҳифзи қобилияти худ дар ҳолатҳои фишор (стресс) гардад ва барои нигоҳ доштани эътимоднокӣ, субот ва фаъолияти мӯътадили низоми бонкӣ мусоидат намояд.<br>Пас аз қабули Талаботи мазкур ташкилотҳои қарзии |

| | |
|---|---|
| | молиявӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилотҳои қарзии молиявии низомсоз муайян шудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Талабот нақшаҳои худро таҳия намуда, онҳоро то охири ҳар соли тақвимӣ баъди тасдиқ аз тарафи Шӯрои нозирони худ ба баррасии Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.<br>Бонки миллии Тоҷикистон метавонад аз ташкилотҳои қарзии молиявие, ки низомсоз намебошанд, таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолиятро талаб намояд, агар Бонки миллии Тоҷикистон чунин шуморад, ки ташкилоти қарзии молиявӣ вазифаҳои калидиро иҷро намуда, хизматрасониҳои асосиро пешниҳод мекунад.<br>Ташкилотҳои қарзии молиявӣ нақшаи барқарорсозии фаъолиятро ҳар сол ё дар сурати тасдиқи варианти таҳриршуда дар давоми сӣ рӯз баъди тасдиқи он аз ҷониби Шурои нозирон ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 30.04.с.2023 |

Муовини раис Салимзода А.А.